**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи номзадии Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ оид ба истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ буда, дар он мавзуъҳои гуногуни забоншиносиву истилоҳшиносӣ, таърихи пайдоиши истилоҳот, меъёрҳои интихоби истилоҳ, назарияҳои навини истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосири тоҷикӣ ва фаронсавӣ, шарҳу тавзеҳи баъзе истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мазкур, таснифоти мавзуии истилоҳоти дорусозӣ, таҳлилу баррасии истилоҳоти дорусозӣ аз назари мансубияти забонӣ бори аввал ба баррасии муфассал фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия истилоҳоти иқтибосии юнонӣ, лотинӣ, арабӣ, олмонӣ, англисӣ, ҳиндӣ, русӣ ва дигар забонҳо дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар боби аввал таҳти унвони **«Асосҳои назариявии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»**, ки аз се фасл иборат мебошад, фикру андешаҳои олимон ва донишмандони тоҷик, рус, эронӣ, афғон ва фаронсавӣ доир ба назарияҳои навини истилоҳшиносӣ, таърихи ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, замина ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мавриди пажуҳиш баён гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** ном дошта, фарогири ҳафт фасл мебошад. Дар ин боб усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ, инчунин таснифоти баъзе аз истилоҳоти маводи доруворӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили маъноӣ ва таснифоти истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ»** ном дошта, аз ду фаслу ҳашт зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб доир ба нақши луғатномаҳову фарҳангномаҳо дар ғановатмандсозии истилоҳоти

дорусозӣ, аҳаммияти истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ, роҷеъ ба истилоҳоти иқтибосии дорусозии забонҳои арабӣ, ҳиндӣ, лотинӣ, юнонӣ, англисӣ, олмонӣ ва дигар забонҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ ва паҳлуҳои мухталифи он аз нигоҳи маъноӣ, сохторӣ, таърихи пайдоиш, заминаҳо, марҳилаҳои ташаккули он, нақши истилоҳоти дорусозии иқтибосии лотинӣ, арабӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва меъёрҳои интихоби истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ бори аввал ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ метавонад ба ҳайси маводи таълимӣ дар донишгоҳҳои тиббӣ ва факултетҳои дорусозӣ барои донишҷӯён таълим дода шавад, ки аз аҳаммияти амалӣ орӣ нахоҳад буд. Ҳамчунин, луғоту истилоҳоти дорусозие, ки ҳангоми таҳқиқ ба даст оварда шуд, зимни таълифи луғатномаҳо, луғатномаҳои дузабонаи тоҷикӣ-фаронсавӣ, луғатномаи тафсирии соҳаи дорусозӣ, баргузории дарсҳои амалӣ дар ихтисосҳои дорусозии донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои тиббӣ метавонад мавриди истифодаи мутахассисони соҳа қарор гирад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақолаи илми муаллиф, аз ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи докторант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом истифодаи

мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

– **Азизова Мастона Ҳамидовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н. Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Баротзода Ф.К.

номзади илмҳои филологӣ, муаллими
калони кафедраи забони франсавии
Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Маликов А.Р.

«12» апрели соли 2025.